*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди ДДҲБСТ 735700, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1)*

## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ Абдуқодиров Хайрулло Абдусаломович ба диссертатсияи Саиджонов Содикжон Шарифжонович дар мавзуи «Такмили механизми танзими даромади аҳолӣ дар иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми назорати маъмурии ташаккулёбии даромад ва низоми таъминоти кафолатноки иҷтимоии аҳолӣ ба принсипҳои бозории ташаккули даромади шаҳрвандон ба тарзи ногузир тағйироти ҷиддиро дар низоми танзими даромади аҳолӣ ба миён овард. Ислоҳоти бозорӣ дар кишвар ба ташаккули тамоюли номусоиди нобаробарии устувор ё тафриқаи назарраси даромади ҷомеа оварда расонид. Бояд қайд намуд, ки нобаробарии иҷтимоӣ амалишавии сенарияҳои индустриалӣ ва рушди устуворро халалдор месозад. Вобаста ба ин, ҳадафи олии рушди дарозмуддати Тоҷикистон мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии кишвар дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

Ба равандҳои ташаккул ва истифодаи даромади аҳолӣ, дигаргуншавии сохтори иҷтимоии ҷомеа таъсири назаррасро омилҳои минтақавӣ, аз ҷумла сатҳи иҷтимоӣ–иқтисодии минтақа, ҷолибияти инвеститсионӣ, тахассусмандии соҳавии иқтисодиёт, касри буҷети давлатӣ, дастгирии молиявӣ, ҳамчунин сатҳи самаранокии татбиқи сиёсати давлатӣ дар ҳудуд мерасонанд. Дар шароити вуҷуд надоштани механизми махсуси минтақавии танзим, чунин омилҳо ба рушди равандҳои махсуси минтақавӣ дар соҳаи даромади аҳолӣ, ки сатҳи зиндагии аҳолии минтақаро муайян мекунанд, пурзӯр гардидани тафриқаи беасоси иҷтимоӣ дар ҳудуди минтақа ва байни онҳо оварда мерасонад.

Маҳз таъсири омилҳои минтақавӣ, дар интиҳо ба ташаккули равандҳое, ки устувории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, шиддатнокии иҷтимоӣ ва низоънокии вайро муайян месозанд, таъсири ҳалкунандаро расониданаш мумкин аст.

Диссертатсияи Саиджонов С.Ш., ки ба такмили механизми танзими даромади аҳолӣ дар иқтисодиёти минтақа бахшида шудааст, дар шароити муосири рушди устувори иқтисодӣ хело мубрам ба ҳисоб меравад.

Зимни таҳияи кори илмӣ Саиджонов С.Ш. теъдоди зиёди сарчашмаҳои илмиро мариди омӯзиш қарор дода, маводҳои зарурии омориро роҷеъ ба масъалаи таҳқиқшаванда ҷамъоварӣ, коркард ва арзёбӣ намудааст. Дар диссертатсия назарияҳои муосир ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба татбиқи механизми танзими даромади аҳолӣ ва коҳиши сатҳи тафриқаи онҳо, баландбардории некуаҳволии аҳолӣ таҳқиқ ва баҳогузорӣ карда шудааст. Бо дарназардошти вазъи ташаккул ва истифодаи даромади аҳолӣ дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки самтҳои афзалиятноки истифодаи онро мутобиқ ба шароитҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он муайян намояд.

Дар ҷараёни навиштани диссертатсия Саиджонов С.Ш худро ҳамчун муҳаққиқи фаъол нишон дод, ки аз донишҳои васеи назариявӣ ва амалӣ доштани ӯ шаҳодат медиҳад. Дар раванди иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ муҳақиқ нисбати худ серталаб буда, масъулияти баландро зоҳир намуд.

Саҳми шахсии унвонҷӯй дар таҳқиқи диссертатсия доир ба муайян намудани ҳадаф, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, тартибдиҳии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва иҷрои онҳо, асосноксозии заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот аён мегардад. Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи кор, баромадҳо дар конфронсҳои илмию амалӣ ва илмӣ - назариявии сатҳҳои байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ зоҳир мегардад. Доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Сохтори диссертатсия мантиқан дуруст буда, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад. Ин нуктаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар кори диссертатсионӣ ҳадаф ва ҳамаи вазифаҳои гузошташуда, ҳалли худро ёфтааст.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқи Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ омода гардида, ба бандҳои он мувофиқат менамояд. Диссертатсия ба талаботҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳо гузошта шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Саиджонов Содикжон Шарифжонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**н.и.и., дотсенти кафедраи**
**назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Абдуқодиров Х.А.**

Имзои Абдуқодиров Х.А. – ро тасдиқ менамоям.

*Сардори раёсати кадрҳо ва*
*корҳои махсуси ДДҲБСТ* *Мирпочоев И.Ҳ.*

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, бинои таълимии 2, ДДҲБСТ,
тел: (+992) 92-848-49-35, почтаи электронӣ: khon1974@mail.ru

«27» 09. 2022с.